

# ЗИНДАГИИ ҲАЗРАТИ ИСО А. БАЪД АЗ САЛИБ



## Ҳиҷрати ҳазрати исо а. аз Уршалим ба Кашмир



بسم الله الرحمن الرحيم

**ЗИНДАГИИ ҲАЗРАТИ ИСО АЛАЙҲИССАЛОМ БАЪД АЗ САЛИБ**

Ҳазрати Исо алайҳиссалом танҳо ба тарафи қабилаҳои Бани Исроил аз тарафи Худо фиристода шуданд. Қуръон ҳам ба ин чиз шаҳодат медиҳад ва худи ҳазрати Исо алайҳиссалом дар Инҷил гуфта буданд, ки ман барои Бани Исроил омадам. Дар Қуръон ҳазрати Исо алайҳиссаломро رَسُوْلًا اِلٰى بَنِىْ اِسْرَاۤءِيْل гуфта шудааст, ки ӯ як расул ба тарафи қабилаҳои Бани Исроил буд. Дар Инҷил ҳазрати Исо алайҳиссалом чунин гуфтанд:

24. Дар ҷавоб гуфт: «Ман фақат барои гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил фиристода шудаам». *(Инҷили Матто, Боби 15, ояти 24)*

Агар таърихро хонем, маълум мешавад, ки пеш аз ҳазрати Исо алайҳиссалом бар яҳудиҳо Бахти Наср ном як подшоҳ буд, ки яҳудиҳоро хеле азоб медод. Ба ҳамин сабаб яҳудиҳои ҷабрдида аз Фаластин ҳиҷрат карда буданд. Дар вақти ҳазрати Исо алайҳиссалом аз дувоздаҳ қабилаҳои Бани Исроил танҳо ду қабила дар он ҷо монданд. Ба ҳамин сабаб ҳазрати Исо алайҳиссалом калимаи “гумшуда”-ро истифода карданд. Ҳазрати Исо алайҳиссалом ҳавориҳои худро (яъне саҳобаи худро) низ таъкид карда буданд, ки пайғоми маро ба қабилаҳои гумшудаи Бани Исроил бирасонед. Чунончи, дар Инҷил чунин омадааст:

“5. Ин дувоздаҳро Исо фиристод ва ба онҳо ҳукм дода, гуфт: «Ба роҳи ғайрияҳудиён наравед ва ба шаҳри сомариён надароед;

6. Балки назди гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил биравед”. *(Инҷили Матто, Боби 10, оятҳои 5-6)*

Ин сухани ҳазрати Исо алайҳиссалом дар худ як пешгӯй дорад, ки эшон ҳатман он гӯсфандони гумшударо талош хоҳанд кард ва ба онҳо пайғоми тавҳид

хоҳанд расонд. Агар ҳазрати Исо алайҳиссалом ин корро анҷом надода аз дунё бираванд, пас, вазифаашон нотамом мемонд ва гӯё вазифаи пайғамбарии худро иҷро накарда аз дунё мерафтанд.

Акнун аз рӯйи Библия ва таърих ин амрро аз назар мегузаронем, ки оё ҳазрати Исо алайҳиссалом вазифаи пайғамбариашон иҷро карданд ё не? Хонандаҳо дар мақолаи “Воқеаи Салиб” хонданд, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом сиҳат шуда аз қабрашон берун омада буданд ва баданашон ҳамон бадан буд, ки дар салиб доштанд. Бинобар ин, Эшон захмҳои худро ба шогирдонашон нишон дода буданд.

Ин як ҳақиқат аст, ки баъд аз мусибат инсон аз рӯйи тадбири дунё худро пинҳон медорад, то боз ба ягон балои дигар гирифтор нашавад. Ҳазрати Исо алайҳиссалом вақте аз беҳӯшӣ ба худ омада аз қабр берун омада буданд, он гоҳ аз мардум худро пинҳон медоштанд ва мардумро низ ҳамин тавр мегуфтанд, ки ба дигарон нагӯед. Ин феъл натанҳо тақозои башарӣ, балки як фаросати муъминона низ буд. Сухани гуфтаи мо аз ин ояҳои Инҷил исбот мешавад:

“16. Исо ба вай гуфт: «Эй Марьям!» Вай рӯ оварда, ба Ӯ гуфт: «Раббунӣ!» яъне: «Устод»”. *(Инҷили Юҳанно, боби 20, ояти 16)*

Агар оятҳои пешинаи ин оят хонед, маълум мешавад, ки ин сухан дар он вақт ҳазрати Исо алайҳиссалом ба Марям гуфта буданд, ки Марям ба қабри Масеҳ алайҳиссалом омада буд ва дар он ҷо Масеҳро наёфт. Дар он ҷо як боғбонро дида аз ӯ пурсид, ки оё медонӣ, ки Масеҳ алайҳиссалом куҷо аст? Дар ҷавоб вақте ҳазрати Исо алайҳиссалом сухан карданд, сипас шинохт. Дар аввал нашинохтани ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом далел бар он аст, ки он вақт ҳазрати Исо алайҳиссалом худро ба тавре карда буданд, ки ба чашми мардум зоҳир нашаванд. Боз дар боби 21 чунин аст:

“1. Баъд аз он боз Исо дар соҳили баҳри Табария ба шогирдон зоҳир шуд. Зоҳир шуданаш ин тавр буд:

12. Исо ба онҳо гуфт: «Биёед, хӯрок бихӯред». Лекин аз шогирдон касе ҷуръат накард, ки аз ӯ бипурсад: «Ту кистӣ?» Зеро медонистанд, ки ин Худованд аст”. *(Инҷили Юҳанно, боби 21, ояти 1 ва 12)*

Аз ин матни Инҷил низ маълум мешавад, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом дар ҷоҳои одӣ байни мардум намешуданд, балки дар ҷоҳои махсус ба шогирдон мулоқот мекарданд. Худро чунон мекарданд, ки касе нашиносад. Боз навшта шудааст, ки

“30. Ва ҳангоме ки ӯ бо онҳо назди суфра нишаст, нонро гирифта, баракат дод ва пора карда ба онҳо дод.
31. Он гоҳ чашмони онҳо кушода шуд ва онҳо ӯро шинохтанд; вале ӯ аз назарашон нопадид шуд”. *(Инҷили Луқо, Боби 24, оятҳои 30-31)*

Дар ин ҷо низ навишта шудааст, ки шогирдон ҳазрати Исо алайҳиссаломро аз муъҷизаашон шинохтанд. Яъне ҳазрати Исо алайҳиссалом ё чеҳраи худро пӯшонда мегаштанд ва ё тарзи либоспӯширо иваз карда буданд. Чунончи, дар як ояти дигар чунин аст:

“12. Баъд аз он ба сурати дигар ба ду нафари онҳо, ки ба деҳа мерафтанд, дар роҳ зоҳир шуд”. *(Инҷили Марқӯс, боби 16, ояти 12)*

Аз рӯйи ин оят шарҳи мо дуруст исбот мешавад, ки эшон сурати худашонро иваз карда ва ё либосҳои гуногун пӯшида мегаштанд.

Аз ҳамаи ин матнҳои Библия исбот мешавад, ки баъд аз воқеаи салиб ҳазрати Исо алайҳиссалом худро пинҳон медоштанд. Дар ин ҷо нуқтае зикр бояд кард, ки агар ҳазрати Исо алайҳиссалом дар салиб мурда бошанд ва баъд аз мурдан зинда шуда бошанд, чӣ тавре, ки масеҳиён ақида доранд, пас, чаро худро

пинҳон медоштанд. Агар касе баъд аз мурдан зинда шавад, он гоҳ ин муъҷиза мешавад. Касе чунин муъҷиза нишон диҳад, дигар ҳоҷати пинҳон шудан надорад. Инкоркунандагон низ ин муъҷизаро дида ба ҳазрати Исо алайҳиссалом имон меоварданд, аммо ҳақиқат чунин набуд. Ҳазрати Исо алайҳиссалом аз салиб халос шуда ва аз ҷароҳатҳо сиҳат шуда буданд ва мехостанд, ки боз дар дасти яҳуд наафтанд, то онҳо боз бар зидди ҳазрати Исо алайҳиссалом ягон чораҷӯӣ накунанд. Пинҳон шудани ҳазрати Исо алайҳиссалом аз рӯйи тарс набуд, балки аз рӯйи ҳикмат буд, то онҳо вазифаи худро иҷро карда тавонанд ва он вазифа ҳамин буд, ки 10 қабилаҳои дигари Бани Исроилро ёфта ба онҳо пайғоми Худо бирасонанд. Барои ин кор ҳазрати Исо алайҳиссалом бояд ҳиҷрат мекарданд. Дар Библия чунин омадааст:

"7. Ва ба зудӣ рафта, ба шогирдонаш гӯед, ки ӯ аз мурдагон эҳё шуд ва пеш аз шумо ба Ҷалил меравад: дар он ҷо ӯро хоҳед дид; инак ба шумо гуфтам».

10. Он гоҳ Исо ба онҳо гуфт: «Натарсед; рафта, ба бародаронам хабар диҳед, ки ба Ҷалил раванд; ва дар он ҷо маро хоҳанд дид»". *(Инҷили Матто, боби 28, оятҳои 7 ва 10)*

Боз навишта шудааст, ки

"16. Аммо ёздаҳ шогирд ба Ҷалил, ба кӯҳе ки Исо таъйин карда буд, рафтанд,

17. Ва ӯро дида, ба ӯ саҷда карданд; лекин баъзе аз онҳо ба шубҳа афтоданд". *(Инҷили Матто, боби 28, оятҳои 16,17)*

Дар ин ҷо аҳамият додан даркор аст, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом вақте диданд, ки сирри эшон ба мардум аён шуда истодааст, пас, шогирдони худро дар назди кӯҳи Ҷалил ҷамъ шуданро таъкид карданд. Сипас, дар он ҷо чӣ шуд:

“51. Ва ҳангоме ки онҳоро баракат медод, аз онҳо ҷудо шуда, ба осмон сууд кард.

52. Ва онҳо ба ӯ саҷда намуда, бо шодии бузурге ба Ерусалим баргаштанд”. *(Инҷили Луқо, боби 24, оятҳои 51,52)*

Боз навишта шудааст:

“9. Ҳамин ки инро гуфт, боло бурда шуд ва онҳо менигаристанд ва абре ӯро аз пеши назари онҳо гирифта бурд.

10. Чун ӯ боло мебаромад ва онҳо ба осмон менигаристанд, ногоҳ ду марди сафедпӯш назди онҳо пайдо шуданд

11. Ва гуфтанд: «Эй мардони Ҷалил! Чаро ин ҷо истода, сӯи осмон нигаронед? Ҳамин Исо, ки аз пеши шумо ба осмон боло бурда шуд, чӣ тавре ки ӯро сӯйи осмон равона дидед, боз ҳамон тавр хоҳад баргашт»”. *(Аъмоли ҳаввориён, боби 1, оятҳои 9 то 11)*

Аз ин матнҳои Библия исбот мешавад, ки ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом шогирдони худро дар назди як кӯҳ ҷеғ заданд. Дар ҳамин матнҳо як калид аст. Аз ҳамон ҷо маълум мешавад, ки оё ҳазрати Исо алайҳиссалом ба тарафи осмон рафта буданд ва ё ҷойи дигар?

Ҳеҷ инсон ба осмон рафта наметавонад ва ҳазрати Исо алайҳиссалом ҳам як инсон буданд, на Худо ва на писари Худо. Худи ҳазрати Исо алайҳиссалом ақидаи ба боло рафтани ягон инсон рад карда буданд. Дар бораи масъалаи аз осмон омадани ҳазрати Илёс алайҳиссалом ҳазрати Исо алайҳиссалом чунин шарҳ доданд:

“10. Ва шогирдонаш аз ӯ пурсиданд: «Чаро китобдонон мегӯянд, ки Илёс бояд аввал биёяд?»

11. Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Дуруст аст, ки Илёс бояд аввал биёяд ва ҳама чизро соз кунад;

12. Лекин ба шумо мегӯям, ки Илёс аллакай омад, ва онҳо вайро нашинохтанд ва бо вай он чи хостанд, карданд; Писари Одам низ аз дасти онҳо уқубат ҳоҳад кашид».

13. Он гоҳ шогирдон фаҳмиданд, ки ӯ дар бораи Яҳёи Таъмиддиҳанда ба онҳо сухан мегуфт". *(Инҷили Матто, боби 17, оятҳои 10 то 13)*

Яҳудиҳо ҳамин ақида доштанд, ки ҳазрати Илёс алайҳиссалом дар як гирдбод нишаста ба осмон рафта буданд ва бояд пеш аз ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом аз осмон мефаромаданд, сонӣ ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом таваллуд мешуданд. Яҳудиҳо ба ҳамин сабаб инкори ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом карда буданд ва интизори Элиё буданд. Ҳазрати Исо алайҳиссалом дар бораи Юҳанно гуфтанд, ки ҳамин Элиё (Илёс) аст. Ҳазрати Юҳанно аз осмон наомада буданд.

Аз ин исбот мешавад, ки худи ҳазрати Исо алайҳиссалом ба осмон рафтани ягон инсон инкор карда истодаанд. Айни замон мусалмонҳо низ ҳамон хаторо такрор доранд, ки дар он замон яҳудиҳо карда буданд ва Исои носириро интизоранд.

Бармегардем ба воқеаи ҳиҷрат. Акнун ҳазрати Исо алайҳиссалом ҳамаро дар назди як кӯҳ ҷеғ зада буданд ва он рӯзҳо рӯзҳои зимистон буданд, чӣ хеле, ки дар вақти салиб додан дар Библия навишта шудааст, ки

"18. Дар ин миён ғуломон ва мулозимон оташ афрӯхта буданд, зеро ки ҳаво сард буд, ва даври оташ истода, худро гарм мекарданд; Петрус низ бо онҳо истода, худро гарм мекард". *(Инҷили Юҳанно, боби 18, ояти 18)*

Яъне зимистон буд. Дар замистон дар кӯҳҳо бисёртар туман пайдо мешавад ва монанди абр мешавад. Дар ин ҳолат агар касе ба кӯҳ барояд, пас, ӯро баъди як чанд дақиқа дида намешавад. Ҳазрати Исо алайҳиссалом бо шогирдон мулоқот карда, ба онҳо насиҳат карданд ва баъдтар аз он ҷо ҳиҷрат карданд ва ба ин мақсад ба кӯҳ баромаданд ва аз назари мардум ғоиб заданд. Азбаски баъд аз ин шогирдон ҳазрати Исо алайҳиссаломро надиданд, пас, ҳамин тавр гуфтанд, ки Эшон ба тарафи осмон рафтаанд ва ё ба ин сабаб гуфтанд, ки ягон яҳудӣ дунболи ҳазрати Исо алайҳиссалом наравад.

Барои шинохтани ягон қавм ё ба таърихи ҳифзшуда менигарем ва ё ба тарзи зиндагонӣ, хислату одот ва рангу рӯйашон дида маълум мекунем, ки ин қавм ба фалон қавми қадима алоқаманд аст ё не.

Як муҳаққиқи ғарбӣ Сар А. Бурнес (SIR. A. BURNES) дар бораи таърихи афғонҳо таҳқиқ кард ва маълум карданӣ шуд, ки инҳо аз қадом қавм алоқа доранд. Ӯ тибқи ривоёти афғонҳо навишт, ки "онҳо мегӯянд, ки як подшоҳи Бобул бузургонашонро аз Арзи Муқаддас (Фаластин) гирифтор карда оварда буд ва ба тарафи шимоли шарқии Кобул, дар мақоми Ғавр (Ghore) оварда обод карда буд. Ба ҳамин тариқ нависанда исбот кард, ки инҳо аз насли Бани Исроил ҳастанд. Сайёҳони бисёр мегӯянд, ки инҳо ба яҳудиҳо бисёр монандӣ доранд. Инҳо ҷудо зиндагӣ мекунанд ва ба қавмҳои дигар омехта намешаванд".

Таърихдони дигар Ҷорҷ Мур (GEORGE MOOR) менависад, ки

"Барои қабул кардани ин ақида бисёр сабабҳои маъқул мавҷуданд, ки бошандагони Афғонистон, ҳатто баъзе бошандагони Бухоро низ бо насли Исроилӣ тааллуқ доранд. Чеҳраҳояшон бо хонадонҳои исроилӣ монандӣ доранд".

Худи як мубаллиғи яҳудӣ Духтур Волф (DR. WOLF) гуфт, ки

“Ман инро дида дар ҳайрат мондам, ки мардуми ободшуда дар Юсуфзай ва Хайбар аз рӯйи шаклу сурат бо яҳудиҳо монандӣ доранд”.

Боз як таърихдони дигари ғарб Мур Крофт (MOOR CROFT) мушоҳидаи худро менависад, ки

“Мардуми Хайбар одатан дарозқад мебошанд ва нақшҳои чеҳраашон монанди яҳудиҳо мебошанд”.

(Аз «Зандагонии гумшудаи Масеҳ», саҳифаи 86-87, Паём Шоҳҷаҳонпурӣ, Идораи Таъриху таҳқиқи Лоҳур)

Худи як таърихдони пахтун менависад, ки

“Пеш аз Ислом афғонҳо Таврoти ҳазрати Мусо алайҳиссаломро мехонданд”.

(Таърихи Юсуфзай афғон, 779,780 с. муаллиф Аллаҳбахш Юсуфӣ)

Инчунин сайёҳи машҳур Мистер Барниер (BERNIER) дар сафарномаи худ «TRAVEL IN THE MOGHAL EMPIRE» менависад, ки

“Ба фикри ман мардуми қавми (исроилӣ) дар Пекин (Хитой) ҳам вуҷуд доранд. Инҳо бар дини ҳазрати Мусо алайҳиссалом ҳастанд ва Тавроту китобҳои дигари ин дин мутолеа мекунанд”.

(THE TRAVEL IN THE MOGHAL EMPIRE BY MR. BERNIER PUBLISHERS ARCHIBALD CONSLABLE – LONDON 1891)

Инчунин дар Тексила (Покистон) осори насли исроилӣ вуҷуд доранд. Дар Ҳиндустон дар Мадрос ва Молобор боз дар Мумбай яҳудиҳо обод ҳастанд, ки онҳоро яҳудиҳои сиёҳ гуфта мешавад. Ҳаввории машҳури ҳазрати Исо алайҳиссалом Тумо низ ҳазрати Исо алайҳиссаломро кофта ва мардумро таблиғ карда, дар ҳамин ҷоҳо вафот кард ва қабраш дар Майлoмпур мавҷуд аст.

Масеҳиён имрӯз ҳам барои зиёрати он қабр меравадн. Муҳаққиқи ғарбӣ Доктор Элан Ҳ. Годбе (Dr. Allen H. Godbey) менависад:

“Яҳудиҳои сиёҳе, ки дар Ҳиндустон дар ҷоҳои Бомбай ва Кочин ёфт мешаванд, аз ҳамонҳо баъзе дар соҳили ғарб низ обод ҳастанд ва пеш аз Масеҳ дар он ҷо обод шуда буданд”.

(THE LOST TRIBES. AMYTH CHAPTER XII DUKE, UNIVERSITY PRESS 1980 BY DR/ ALLEN H. GODBEY AND “JESUS IN ROME” P.85)

Аз таърихи ин яҳудиҳо бохабар шуда бори дигар қавли ҳазрати Масеҳ алайҳиссаломро мехонем. Ҳазрати Исо алайҳиссалом фармуда буданд, ки

«Ман фақат барои гӯсфандони гумшудаи хонадони Исроил фиристода шудаам». *(Инҷили Матто, Боби 15, ояти 24)*

Ҳамин вазифаро дар назар гирифта ҳазрати Исо алайҳиссалом яҳудиҳои Фаластинро тарк намуда, ба талоши гӯсфандони гумшуда баромаданд. Дар замони подшоҳи Бахти Наср бисёр қабилаҳо ба ҳамин тарафҳо ҳиҷрат карда буданд, бинобар ин, ҳазрати Исо алайҳиссалом низ ба ҳамин тараф ҳиҷрат карданд. Боз ҳаворини Тумо низ ба ҳамин тараф омада буд ва қабраш дар Мадроси (Ҳиндустон) аст.

Бояд дар хотир мон, ки Қуръон дар бораи намурдани ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом дар болои салиб шаҳодат додааст ва ҳамонро асос гузошта ин далелҳо аз Библия пешкаши хонандагон карда мешаванд. Қуръони карим моро аввал гуфтааст, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом мисли ҳамаи пайғамбарони дигар вафот карда буданд. Боз Қуръон гуфт, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом дар болои салиб намурданд. Қуръони карим дар бораи зиндагии ҳазрати Исо алайҳиссалом баъд аз салиб низ моро хабар медиҳад, яъне

وَجَعَلْنَا ابْنَ مَرْيَمَ وَأُمَّهُ آيَةً وَآوَيْنَاهُمَا إِلَى رَبْوَةٍ ذَاتِ قَرَارٍ وَمَعِينٍ- (سورة المؤمنون- 51)

Яъне мо Масеҳ алайҳиссалом ва модарашро ҳамчун як нишон сохтем ва ҳар дуи онҳоро дар ҷое паноҳ додем, ки баланд буд ва чашмаҳо дар он ҷо ҷорӣ буданд.

Дар ин оя калимаи اٰوَى истифода шудааст. Ин калима аз рӯйи луғат ҳамин маъноро дорад, ки агар касе дар ягон мусибат гирифтор бошад ва ӯро аз он мусибат наҷот дода шавад, пас, ҳамон вақт ин калима барояш истифода карда мешавад. Ин калима моро ишора карда истодааст, ки ин замон дар асл замони баъд аз воқеаи салиб аст. Вақте ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом аз шарри яҳудҳо маҳфуз монданд, пас, Худо гуфт, ки мо Масеҳ алайҳиссаломро дар як ҷойи баланд, ки чашмаҳо низ дошт, паноҳ додем. Агар мо мушоҳида кунем, чӣ хеле, ки пеш ҳам гуфта шуд, ки яҳудиҳо (гӯсфандони гумшуда) ба тарафи Афғонистону Ҳиндустон ва Бухоро ҳиҷрат карда буданд, марзи Кашмир ба ҳамин оят рост меояд, зеро дорои кӯҳҳои баланд ва чашмаҳо мебошад. Худи калимаи Кашмир аз тарафи яҳудиҳо ном монда шудааст. Кашмир аз “коф” ва “шамир” мураккаб аст. “Шамир” дар асл “ашир” буд, ки баъдтар “шир” ва бо мурури замон “шамир” шуд. Яъне ин калима “кашир” (كاشير) буд, яъне ҷое монанди “Ашир”. Медонем, ки “Ашир” дар забони ибронӣ “Асирия” аст, яъне Сурия. Азбаски яҳудиҳо аз Сурия ва Фаластин омада буданд, дар ин ҷо омада ба сабаби ҳуббулватанӣ ҳамон ном ин марзро гузоштанд.

Сайёҳон, ки ба тарафи Кашмир сафар карданд, мардуми Кашмирро дида ҳамин фикрро гуфтанд, ки инҳо аз насли исроилӣ ҳастанд. Тарзи зиндагонӣ, тарзи либоспӯшӣ, сурху сафед рангашон аз ҳама ҷиҳат ба исроилиҳо монанд аст. Муҳаққиқи ғарб Ҷорҷ Форстар (GEORGE FORSTER) менависад:

“Дар кишвари кашмириҳо рафта, онҳоро нахустин дида, либосашон, нақшҳои чеҳраашон, намудҳои хӯрокашонро мушоҳида карда ҳис кардам, ки дар қавмҳои яҳудӣ омадаам”.

(LETTERS ON A JOURNEY FROM BENGAL TO ENGLAND BY GEORGE FORSTER PUBLISHED BY FOULDER LONDON 1908)

Дар Кашмир як ҷо ба номи Айшмақом (Aishmuqam) аст, ки аз Сирӣ Нагар 70 км тарафи ҷануби шарқи он аст. Дар он ҷо равзаи ҳазрати Зайниддин Валӣ аст. Дар он ҷо як асо аст. Кашмириҳо даъво доранд, ки ин асои Мӯсо алайҳиссалом аст. Мегӯянд, ки ин асо ҳазрат Мир Сайид Алии ҳамадонӣ (р) ба шайхулолам Шайх Нуруддин дода буданд, ки равзаашон дар Чарор Шариф аст ва эшон ин асоро ба ҳазрати Зайниддин Валӣ дод ва аз ҳамон вақт дар он даргоҳ аст. Агар ягон офат ва ё беморӣ дар деҳа шавад, он асоро берун мебароранд ва беморӣ нест мешавад.

(Доктор Азиз Аҳмад Азиз Кашмирӣ, Ҳазрати Исо (а) ва Исоият, саҳифаҳои 72,73)

Аз ин матн низ исбот мешавад, ки Бани Исроилиҳо дар ин ҷо омада буданд.

Ҳамин тавр вобаста ба кӯҳи Сулаймонӣ дар таърихи Кашмир зикр аст, ки биное, ки дар он ҷо сохта шудааст, айнан монанди биноҳои яҳудиҳо аст.

Дар забони кашмирӣ бисёр калимаҳо ба забони ибронӣ монананд. Агар касеро ҷеғ занем, кашмириҳо “ҳоту” (هاتو) ё “ату” (اتو) мегӯянд ва дар забони ибронӣ ҳамин калима “атуҳ” (اتوه) аст. Дар кашмирӣ чодарро “жодар” (ژادر) мегӯянд ва дар ибронӣ “адар” (ادر). Ҳамин тавр дар забони кашмирӣ аз як тараф ба тарафи дигар гузаштанро “ъапур” (عپور) мегӯянд ва дар ибронӣ “ъабар” (عبر) мегӯянд. Барои пуф кардан дар кашмирӣ калимаи “фу” (فو)-ро истифода мекунанд ва дар ибронӣ “фоҳфу” (فاه فو). Хулоса, садҳо калима дар ҳар ду забон монанд ҳастанд. Агар касе мутахассиси таърихи забон бошад, ин нуктаро чуқуртар мефаҳмад. Ин ҳама чизҳо далолат бар он ҳастанд, ки дар ҳақиқат кашмириҳо аз насли Бани Исроил ҳастанд. Ҳазрати Исо алайҳиссалом ҳамин гӯсфандони гумшударо кофта-кофта ба ин тарафҳо расиданд ва зиндагии боқимондаро дар

ҳамин ҷо гузаронданд. Хулоса, ҳазрати Исо алайҳиссалом аз Фаластин ба тарафи Эрон омаданд ва аз он ҷо ба тарафи Кашмир ва дар ҳамон ҷо вафот карданд.

Дар бораи сафари ҳазрати Исо алайҳиссалом ба тарафи Ҳиндустон ва Кашмир омадан, ҳазрат Мирзо Ғулом Аҳмад Қодиёнӣ алайҳиссалом як китоб ба номи «Масеҳ дар Ҳиндустон» навишта буданд ва дар ин китоб ҳамаи далелҳо дар бораи зинда фаровардан аз салиб ва сафари ҳазрати Исо алайҳиссаломро оварданд. Эшон мефармоянд:

“Пас, ман дар ин китоб исбот хоҳам кард, ки ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом маслуб нашуда буданд ва на ба осмон рафта буданд ва набояд касе умедвор бошад, ки боз аз осмон ба замин хоҳанд омад, балки эшон 120 сол умр дида, дар шаҳри Сирӣ Нагар дар Кашмир вафот ёфтанд ва қабрашон дар кӯчаи Хонёр аст”. *(Рӯҳонӣ Хазоин, ҷилди 15, саҳифаи 14)*

Баъд аз навиштани ин китоб бисёр муҳаққиқон дар бораи ҳамин мавзӯъ қалам бардоштанд. Чӣ қадар китобҳо оид ба ҳазрати Исо алайҳиссалом ва қабрашон дар Кашмир будан навишта шудаанд, асоси онҳо ҳамин китоб аст.

Библия дар бораи аҳволи баъд аз салиб хомӯш аст, аммо китобҳои дигари таърих зикр доранд, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом ба тарафи Кашмир омада буданд. Далели аз ҳама пурқувват он ояти Қуръон аст, ки дар он ҷо зикр шудааст, ки мо Масеҳ ва модарашро дар як ҷой баланду пурри чашмаҳо паноҳ додем. Ҳамин оят сирри омадани ҳазрати Исо алайҳиссалом ба Кашмирро мекушояд.

Нахустин китоб дар бораи таърихи Кашмир ба забони форсӣ навишта шудааст, ки Мавлоно Нудрӣ навишта буд. Дар он ҷо навишта шудааст, ки

“Баъд аз Роҷа Акҳ писараш Роҷа Гупонанд (Гуподат) ҳукмрон шуд. Дар аҳди ҳукмрониаш бисёр биноҳо таъмир карда шуданд. Дар куллаи кӯҳи Сулаймон як гунбади шикаста буд. Роҷа барои таъмираш аз байни вазирони худ Сулаймон ном як одамро, ки аз Форс омада буд, таъйин кард. Ҳиндуҳо эътироз

карданд, ки ин кас малич (одаме зоташ паст) аст. Айни замон ҳазрати Юз Осаф аз Байтулмуқаддас ба тарафи водии ақдас (Кашмир) марфӯъ шуданд ва эшон даъвои пайғамбарӣ карданд. Шабурӯз дар ибодати Илоҳӣ буданд ва ба дараҷаи аълои тақво ва порсоӣ расида, худро барои рисолати аҳли Кашмир мабъус карданд ва халқро даъват додан сар карданд. Азбаски бисёр мардуми марзи Кашмир ақидатманди Эшон (Юз Осаф) буданд, ба ҳамин сабаб Роҷа Гуподат эътирози ҳиндуҳоро пешкаши Эшон карданд. Бо ҳукми Эшон Сулаймон гунбади мазкурро такмил доданд. Ин соли 54 милодӣ буд. Ӯ дар зинаи гунбад навишт, ки айни замон Юз Осаф даъвои пайғамбарӣ кардааст. Дар санги зинаи дуюм навишт, ки Эшон пайғамбари Бани Исроил Ясуъ ҳастанд. (Нависанда мегӯяд) Ман дар китоби ҳиндуҳо дидам, ки Эшон (Юз Осаф) айнан ҳазрати Исо алайҳиссалом буданд ва Эшон номи худро Юз Осаф интихоб карда буданд. Валилму индаллоҳ (والْعلم عند الله). Эшон зиндагониашро дар ҳамин ҷо ба сар бурданд ва баъд аз вафот дар кӯчаи Анзмарра (Сирӣ Нагар) дафн шуданд. Гуфта мешавад, ки аз равзаи Эшон анвори нубувват ҷилвагар мешаванд. Роҷа Гуподат баъд аз ҳукумати 60 солу 2 моҳ вафот кард.

*(Таърихи Кашмир, қаламӣ, 169с)*

Инчунин тазкираи Масеҳ алайҳиссалом дар китоби динии ҳиндуҳо, ки номаш «Бҳушия маҳа Пурон» аст, мавҷуд аст. Дар он ҷо навишта шудааст, ки

“Рӯзе Роҷа Шолбоҳан ба тарафи кишваре дар кӯҳҳои Ҳимолоӣ рафт. Дар он ҷо ӯ аз қавми Соко як Роҷаро дар мақоми Вин дид. Ӯ ранги зебо дошт. Либоси сафед пӯшида буд. Шолбоҳан аз ӯ пурсид: Шумо кистед? Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки ман Юсо Шофт (Юз Осаф) ҳастам ва аз шиками як бокира таваллуд шудаам. (Ҳайрати Роҷа Шолбоҳанро дида гуфт) Ман чизе гуфтам рост гуфтам ва ман динро пок карданӣ омадаам. Роҷа аз ӯ пурсид: Шумо чӣ дин доред? Ӯ дар ҷавоб гуфт:

Эй Роҷа, вақте садоқат аз байн рафт ва дар ҳудуди кишвари маличҳо шариат намонд, пас, ман дар он ҷо мабъус шудам. Дар натиҷаи кори ман вақте гунаҳкорҳо ва золимон азоб кашиданд, пас аз дасти онҳо ман ҳам азоб кашидам. Роҷа боз аз ӯ пурсид, ки дини шумо чист? Ӯ дар ҷавоб гуфт, дини ман муҳаббат, садоқат ва пок кардани дилҳо аст ва ҳамин сабаб аст, ки номи ман "Исои Масеҳ" монда шуд. Баъд аз ин Роҷа одобу таслимро ба ҷо оварда аз он ҷо баргашт".

(Бҳушия Маҳа Пурон, саҳифаи 280, парат 3, адҳияи 2, шилуки 21 то 31)

Аз ин матнҳои қадим исбот мешавад, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом дар Кашмир омада буданд ва дар ҳамин ҷо зиндагиашон гузаронда буданд ва дар ҳамин ҷо вафот карда буданд. Дар Кашмир ҳамон Бани Исроил буданд, ки дар Инҷил онҳоро "гӯсфандҳои гумшуда" гуфта шудааст.

Мистар О. М. Барк (O. M. BURKE) ном як сайёҳ дар китоби худ навишт, ки дар Афғонистон дар Ҳирот ба як фирқаи майда дучор шудам. Мардуми ин фирқа худро пайравони "Исо ибни Марям Носирӣ Кошмирӣ" мегӯянд. Дар баробари ин, ки худро пайравони Исо ибни Марям мегӯянд, боз худро мусалмон низ мегӯянд. Дар бисёр деҳаҳои Ҳирот инҳо ободанд ва марказашон шаҳри Ҳирот аст. Шояд инҳо дар замони қадим аз мубаллиғони масеҳии аврупоӣ масеҳӣ шуда буданд, аммо вақте арабҳо Афғонистонро фатҳ карданд, инҳо ҳам мусалмон шуданд, аммо бар дини худ ва муносибати худ бо Исо алайҳиссалом бо такрор мегуфтанд. Ақидаи инҳо ҳамин буд, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом дар болои салиб намурда буданд ва навишта шудааст, ки "Баъд аз фаромадан аз салиб рафиқони ҳазрати Исо алайҳиссалом эшонро пинҳон карданд ва барои ба тарафи Ҳиндустон ҳиҷрат кардани ҳазрати Исо алайҳиссалом кумак карданд. Юз Осаф дар асл Масеҳ буданд".

(AMONG THE DERVISHES BY O. M. BURKE, LONDON 1973, P.107)

Бисёр китобҳои таърих бар ҳамин шоҳид ҳастанд, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом ба тарафи Кашмир ҳиҷрат карда буданд. Дар китоби «Акмол-уд-дин» навишта шудааст, ки “Боз ҳазрати Исо (а) аз сарзамини Савлобит (سولابط) кӯчида бисёр шаҳрҳо ва кишварҳоро сайёҳат карданд, то ба он сарзамин расиданд, ки онро Кашмир гуфта мешавад. Дар ин ҷо Эшон дар ҷоҳои гуногун истоданд ва ниҳоят дар ҳамин ҷо қиём карданд, то вақте, ки вақти вафот расид, то бадани ансариро тарк намуда ба тарафи Нӯр (Худо) бардошта шаванд. Пеш аз вафоти худ Эшон як шогирди худро, ки номаш “Бояд” (بايد) буд ва эшонро нигоҳубинӣ мекард, ҷеғ заданд. Ин шахс дар корҳои худ моҳир ва ягона буд. Эшон ӯро насиҳат карда гуфтанд, ки вақти рафтани ман аз дунё омадааст. Ту фарзҳои худро бояд нигоҳ дошта бошӣ ва аз ҳақ рӯгардонӣ накун ва ҳамеша роҳи исору қурбониро интихоб кун. Баъд аз ин Эшон Боядро ҳукм доданд, ки ӯ барои Эшон як ҷо тайёр кунад. Эшон қадамҳояшро дароз карда сарашро ба тарафи ғарб карданд, сонӣ чеҳраашро ба тарафи шарқ. Сипас ҷон доданд”.

(Акмол-уд-дин, алматбаъатулҳайдария алхаф, саҳифаҳои 599-600)

Аз матнҳои боло исбот мешавад, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом дар Кашмир омада буданд ва ҳамин ҷо вафот карда буданд. Таърихи Кашмир низ бар ҳамин амр шоҳид аст, ки он мақбарае, ки дар кӯчаи Хонёри шаҳри Сирӣ Нагар аст, мақбараи ҳазрати Исо алайҳиссалом аст, ки Юз Осаф низ гуфта мешуд, ки аз калимаи Ясуъ ба вуҷуд омада буд ва ё Ясуъ аз Юз Осаф ба вуҷуд омада буд.

Дар Хонёри Сирӣ Нагар дар равзаи Бал дар як ҳуҷра ду қабр ҳастанд, ки бар онҳо панҷараи чубии бо нақшу нигор вуҷуд дорад. Як қабр калон аст ва якто майда аст. Таҳи ҳамин ҳуҷра боз як ҳуҷра аст. Қабри ҳақиқӣ дар ҳамон ҷо мавҷуд аст. Рухи ҳар ду қабрҳо дар боло шимол-ҷануб аст, аммо дар таҳхона (падвал) қабри ҳақиқии ҳазрати Исо алайҳиссалом аз рӯйи ақидаи яҳудиҳо ба тарафи шарқу ғарб аст. Дар ҳамон ҷо назди қабри Масеҳ алайҳиссалом дар болои як санг нишонаи поҳои ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом нақш шудаанд. Онҳоро дида

маълум мешавад, ки ин нишони поҳои захмӣ аст, зеро поҳои ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом ба сабаби мех задан дар болои салиб захмӣ шуда буданд.

Назди ҳамон қабр тахтаи чубин аст, ки дар он мухтасар аҳволи Юз Осаф навишта шудаанд. Наздики ҳамин қабристони мусалмонҳо аст. Дар он ҷо ҳам рухи ҳамаи қабрҳо ба тарафи шимол-ҷануб аст. Танҳо қабми Масеҳ алайҳиссалом ба тарафи шарқу ғарб аст.

Танҳо ҳамин умур басанда нестанд, балки қабри ҳазрати Марям низ дар Кашмири Покистон мавҷуд аст. Дар кӯҳе, ки қабри ҳазрати Марям мавҷуд аст, он кӯҳро ҳоло ҳам кӯҳи Марӣ гуфта мешавад.

Таърихи Кашмир бар ин ҳам шоҳид аст, ки ҳазрати Масеҳ алайҳиссалом натанҳо дар Кашмир омада сукунат карданд, балки дар ин ҷо оиладор ҳам шуданд ва фарзанддор низ шуда буданд. Имрӯз ҳам аз авлоди Эшон дар Кашмир хонадонҳо мавҷуд ҳастанд, ки худро насли Юз Осаф мегӯянд ва қабрашро бисёр эҳтиром мекунанд. Агар маълумоте, ки дар ин мазмун додем, барои хонандагон басанда нестанд, пас ин китобҳоро хонда ин масъаларо фаҳмида метавонед.

1. «Масеҳ дар Ҳиндустон», Ҳазрат Мирзо Ғулом Аҳмад Қодиёнӣ алайҳиссалом

2. «Чашмаи Масеҳӣ», Ҳазрат Мирзо Ғулом Аҳмад Қодиёнӣ алайҳиссалом

3. «Ҳазрати Исо ва Исоият», Доктор Азиз Аҳмад Азиз Кашмирӣ

4. «Сафари зиндагии Масеҳ», Паёми Шоҳҷаҳонпурӣ

5. «Зиндагонии гумшудаи Масеҳ», Паёми Шоҳҷаҳонпурӣ

Ин китобҳо ба забони урду ҳастанд.

6. «Масеҳ дар Кашмир фавтиданд», Андриас Фолбар Қайсар

7. «The Fifth Gospel»? Dhan Levi and Fida Hussain

8. «Mysteries of Kashmir», Mohammad Hussain

9. «Where did Jesus die?», by Moulana Jalaluddin Shams

10. «A man that is called Jesus»

11. «Jesus in the Heaven or Earth»

Ғайр аз ин бисёр китобҳо ҳастанд, ки аз онҳо исбот мешавад, ки ҳазрати Исо алайҳиссалом аз салиб зинда монда ба тарафи Ҳиндустон ҳиҷрат карданд ва билохир дар Кашмир вафот карданд. Ба тамоми мусалмонҳо даъват аст, ки аввал аз рӯйи Қуръону ҳадис таҳқиқ кунанд ва сипас ин китобҳои таҳқиқшударо хонанд ва аз ин ақидаи нодуруст баргашта Масеҳи замони муосир, - Ҳазрати Мирзо Ғулом Аҳмад алайҳиссаломро қабул кунанд.